**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17 (7340025,)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир - «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст.

Аз матни автореферат бармеояд, ки диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, сохтори он тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ тартиб дода шудааст. Дар рисола усулҳои умумиилмӣ ва махсус, аз ҷумла диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, функсионалӣ, таҳлил ва синтез ва ғайра истифода шудаанд.

Муаллиф дар робита бо мубрамияти мавзӯи зикршуда мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ муқаррар намудааст.

Мувофиқан ба мақсади гузошташуда доираи ба ҳам алоқаманди вазифаҳо муқаррар шудаанд, ки ҳалли назариявии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти мазкури диссертатсиониро ташкил медиҳанд.

Аз матни автореферат мушоҳида мегардад, ки муаллиф Конститутсияи ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои судиро ҳамчун заминаи меъёрии ҳуқуқии таҳқиқоти диссертатсионӣ истифода намудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои илмӣ, ки аз диссертатсия бармеоянд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби автореферат саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро бори дигар нишон медиҳад.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти (маъхази) истифодашуда иборат мебошад.

Аз рӯи мавзӯи диссертатсия, муаллиф 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба табъ расондааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе масъалаҳои мубоҳисавӣ низ ҷой доранд, ки барои равшанӣ андохтан ба онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад. Аз ҷумла:

1. Таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Чунки ҷинояткорон асосан тавассути амалисозии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ маблағҳои калонро ба хориҷи кишвар интиқол дода, бо ин роҳ ба амнияти иқтисодии кишвар зарари калон мерасонанд. Аммо дар матни автореферат вобаста ба ин масъала фикру ақидаи муаллифи он дида намешавад.

2. Таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятӣ нишон медихад, ки қонунгузор яке аз шаклҳои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ- муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ( м. 286 КҶ)-ро алоҳида пешбинӣ намудааст. Пас, зарурияти чунин криминализатсия дар чӣ ифода ёфтааст ва муаллифи диссертатсия оид ба ин масъала ҷонибдорӣ кадом ақида аст? Вобаста ба масъалаҳои фақузикр зарурияти изҳори назари муаллиф ҷой дорад.

Бо вуҷуди эродҳои номбаршуда дар маҷмӯъ мазмуни автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода М.Ҷ. кори илмии мустақилона ва аз лиҳози назариявӣ асоснокгардида, инчунин бaанҷомрасида мебошад. Дар маҷмӯъ, автореферати мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳмонзода М.Ҷ. бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**Сардори Раёсати ташкили мубориза**
**бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукии**
**Хадамоти гумруки назди Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**генерал-майори хадамоти гумрук** **Раҳимзода Р.Ҳ.**